**Қарори № 3**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:

Аз 20 нафар аъзои Шӯрои

диссертатсионӣ 14 нафар,

аз рӯйи ихтисос 4 нафар

аз 9 апрели соли 2020

**Рӯзнома:**

1.Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи «**Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Муқимов М.А.).

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Исмоилова Фарзона Қаюмовна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин, барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи **«Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Муқимов М. А.) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод шавад;

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Хоҷазода Саидмурод** ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Салимзода Олим** таъйин карда шаванд;

4.Таърихи рӯзи ҳимоя 17.09. 2020 муайян карда шавад;

5.Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;

6.Барои чопи автореферат ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.